**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**
**Правительство Республики Таджикистан**
**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**

аз 31 октябри соли 2018 № 510

ш. Душанбе

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ИДОРАИ СОХТМОНИ АСОСИИ ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ГОСУДАРСТВЕННОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ УПРАВЛЕНИЯ КАПИТАЛЬНОГО СТРОИТЕЛЬСТВА МИНИСТЕРСТВО ЗДРАВООХРАНЕНИЯ И СОЦ. ЗАЩИТЫ НАСЕЛЕНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
№ 297
"09" ноябри 2017 с

Дар бораи ҷашн гирифтани 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бо мақсади омодагӣ ва дар сатҳи баланд ҷашн гирифтани 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тарғиби васеи моҳияти истиқлолият ва озодӣ, соҳибватанию соҳибдавлатӣ ва арзишҳои неки миллӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Нақшаи чорабиниҳои ҷашн гирифтани 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Кумитаи тадорукот якҷо бо вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ чараёни иҷрои нақшаи чорабиниҳои ҷашн гирифтани 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро зери назорат қарор дода, барои омодагӣ ва гузаронидани чорабиниҳои ҷашнӣ ҳаҷми маблағҳоро муайян намояд.

3. Муқаррар карда шавад, ки хароҷоти вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вобаста ба ҷашн гирифтани 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои дар буҷети давлатии солҳои 2018-2021 барои нигоҳдории онҳо пешбинишуда, аз ҷумла дар доираи маблағҳои сармоягузориҳои асосии мутамарказ барои вазорату идораҳо дар буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, инчунин аз ҳисоби маблағҳои барзиёд иҷро гардидани қисми даромади буҷетҳои маҳаллӣ амалӣ карда мешавад.



4. Роҳбарони вазорату идораҳо, раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати амалисозии саривақтии нақшаи чорабиниҳои мазкур ва дар сатҳи баланди сиёсӣ ва ташкилӣ ҷашн гирифтани 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои зарурӣ андешида, аз натиҷаи он ҳар нимсола ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти муфассал пешниҳод намоянд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ